# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-003 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD) - ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15-уми марти соли 2025, № 105**

Барои сазовор донистани Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз).

Диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи “Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) санаи 04-уми январи соли 2025, суратмаҷлиси № 95 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки он дар асоси фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2021, № 349 таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло санаи 23 январи соли 1995 дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон таввалуд шудааст, миллаташ тоҷик. Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло соли 2013 ба шуъбаи рӯзонаи факултети иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро соли 2017 бо ихтисоси «Кори бонкӣ» хатм намуда, ҳамзамон соли 2017 ба шуъбаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда ва онро соли 2019 хатм намудааст.

Соли 2019 ба шуъбаи докторантураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқдисодиёт дохил шуда, онро соли 2023 хатм намудааст. Мутобиқи банди 18 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) бо иҷозати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 07

(49) 02/81, 30.04.2024) фарқиятҳои академӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия супоридааст.

Тӯли солҳои 2019-2023 ба ҳайси докторанти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳсил намудааст.

Фаъолияти меҳнатии худро соли 2018 ба ҳайси ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва молияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз кардааст. Аз соли 2019 ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ва қарз ва ҳамзамон аз соли 2024 ба ҳайси муаллими калони кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Каримов Баҳодур Ҳасанович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Исмоилова Шаҳноз Шавкатовна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директори Департаменти қарздиҳии Корхонаи воҳиди давлатии Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк».

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, дар тақризи худ, ки аз тарафи эксперт номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Махшулов С.Ҷ. навишта шуда, дар ҷаласаи кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти раисии мудири кафедра, дотсент Муслихова Т.Т., санаи 27 январи соли 2025, суратмаҷлиси № 6/1 баррасӣ гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А. аз 30-юми январи соли 2025 тасдиқ шудааст.

Дар тақризи пешниҳодшуда хулоса баровварда шудааст, ки диссертатсия ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва талаботи Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгуй мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло кори илмии мустақилона анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, дорои навгонии илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба таъмини устувории бонкҳо дар низоми бонкии кишвар мебошад.

Диссертатсияи Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи "Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ" бо талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) мебошад.

Довталаб 10 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

***А. Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон:***

1. Ҳаёев, Қ.А. Асосҳои назариявии таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ / Қ.А. Ҳаёев // Идоракунии давлатӣ. – 2022. - №4-2(59). - С. 145-149.

2. Ҳаёев, Қ.А. Таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бuҳрони молиявӣ / Б.Ҳ. Каримов, Қ.А. Ҳаёев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - №4. - С. 97-105.

3. Ҳаёев, Қ.А. Муҳтавои иқтисодии мафҳуми устувории бонкҳои тиҷоратӣ / Қ.А. Ҳаёев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. - №4/1(49). - С. 142-148.

4. Ҳаёев, Қ.А. Барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ.А. Ҳаёев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - №1(40). - С. 210-218.

5. Ҳаёев, Қ.А. Такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ / Қ.А. Ҳаёев // Идоракунии давлатӣ. – 2024. - №1(65). - С. 150-158.

*Б. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:*

6. Ҳаёев, Қ.А. Вазъи пасандозҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи густариши пандемияи «Covid-19» / Қ.А. Ҳаёев / Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус «Covid-19» / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (ш. Кӯлоб, 11 декабри соли 2021). – Кӯлоб: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2021. – С. 194-199.

7. Ҳаёев, Қ.А. Коҳиши қарзҳои ғайрифаъол – ҳадаф ва омили рушди низоми бонкӣ / Қ.А. Ҳаёев / Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 26 ноябри соли 2021). – Душанбе: ДДМИТ, 2021. – С. 549-553.

8. Хаёев, К.А. Обеспечение финансовой устойчивости коммерческих банков Республики Таджикистан в условиях финансового кризиса / Б.Х. Каримов, К.А. Хаёев / Актуальные вопросы экономики / Сборник статей XIV Международной научно-практической конференции. – Пенза: МЦНС «Наука и просвещение». – 2023. – С. 30-35.

9. Ҳаёев, Қ.А. Хусусиятҳои таъмини устувории фаъолияти бонки тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ / Қ.А. Ҳаёев / Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (ш. Кӯлоб, 19-20 декабри соли 2023). – Кӯлоб: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2023. – С. 327-332.

10. Ҳаёев, Қ.А. Мушкилоти таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ / Қ.А. Ҳаёев / Масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити гузариш ба низоми нави рақамикунонии иқтисодиёт / Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии Донишгоҳи давлатии Данғара (ш. Данғара, 18-19 апрели соли 2024). – Данғара: Донишгоҳи давлатии Данғара, 2024. – С. 210-215.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Қодирзода Х.Қ.** – д.и.и., дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии Донишгоҳи давлатии Данғара бо чунин эрод: муаллиф дар саҳ. 8-и автореферат фақат нишондиҳандаҳои таҳлилии бонки Эсхатаро пешниҳод намудааст. Мебояд барои хуб шудани сифати автореферати диссертатсия таҳлили нишондиҳандаҳои муассисаи бонкии дигари дар сатҳи ҷумҳурӣ қарордоштаро пешниҳод менамуд.

2. **Миразизов А.Ҳ.** - н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи (Славянинии) Россия ва Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

1. Хубтар мешуд, агар муаллиф пешниҳоди зеринро ба назари эътибор мегирифт: расми 3-и дар автореферат овардашударо (саҳ.13), ки сухан сари масъалаи пӯёи ҳаҷми қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт меравад, боз ҳам чуқуртар мавриди таҳлил қарор медод ва ҳаҷми қарздиҳиро ба соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ҷудо мекард;

2. Дар боби сеюми автореферати диссертатсия муҳаққиқ ба масъалаи таҳлили вазъи молиявии ҶСК “Бонки Эсхата” эътибор дода аст. Хуб мебуд барои натиҷагирии ҳолати молиявӣ ва муайян кардани устувории молиявии бонкҳо дар қатори ҶСК “Бонки Эсхата” боз ягон бонки тиҷоратии дигар таҳлил ва арзёбӣ мегардид.

3. **Ҳалимов Л.М.** – н.и.и., и.в. дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эрод: бо истифода аз моделҳои риёзию иқтисодӣ вобастагии даромаднокии сармоя ва даромаднокии дороиҳоро баҳогузорӣ менамуд, сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид.

4. **Бобоев Н.М.** - н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва андози МДТ “ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров” бо чунин эрод: муаллиф усулҳои гуногуни ҳисобкунии уствории молиявиро пешниҳод намудааст, вале дар автореферат бо истифода аз онҳо ягон таҳлил вуҷуд надорад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ ва бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назария, методология ва самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***коркард карда шуд:*** роҳҳои мукаммалгардонӣ ва рушди устувори фаъолияти молиявии бонкҳои тиҷоратӣ коркард гардида, ташкили низоми муассир дар асоси тақвияти ташаккули пойгоҳи захиравӣ дар заминаи ҷалби маблағҳои озоди аҳолӣ пешниҳод гардида, дар ин самт нақши маркетинги бонкӣ калидӣ муайян шудааст, инчунин, тамоюли ҷалби маблағҳои озоди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шароити муосири иқтисоди милли баҳогузорӣ гардида, роҳҳои такмилёбии он ва ҷалби бештари ин маблағҳо тавсия шудааст;

- ***пешниҳод шудааст:*** бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, такмили низоми ҷалби маблағҳои муваққатан озоди аҳолӣ, афзоиши бомароми сармояи худӣ, таҳкими ҳамкориҳо миёни бонк бо муштариён ва баландбардории сатҳи пардохтпазирӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад;

- ***исбот шудааст***, ки айни замон ҳолати муосири низоми устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмилёбии босуръат ниёз дошта, зарурияти пурзур намудани назорати фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби Бонки миллӣ, омӯзиш ва дар амал татбиқ намудани таҷрибаи хориҷӣ бо назардошти имконоти мавҷудаи низоми бонкии кишвар ва арзёбии рушди минбаъдаи он ба миён омадааст, илова ба ин, барои рушди устувори фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ заминаи методологӣ коркард гардида, ҷанбаҳои амалии он ба таври возеҳ инъикос гардидааст;

- ***асоснок карда шудааст***, ки дар шароити муосири иқтисодӣ таъмини устувории фаъолияти бонкҳо омили муҳимми рушд арзёбӣ гардида, таҳкими пардохтпазирӣ ва бозоргирии бонкҳои тиҷоратӣ нишондиҳандаи калидӣ маҳсуб меёбад, махсусан бӯҳронҳои иқтисодӣ-молиявӣ, ки ба таври доимӣ ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таъсир мерасонад, ба назар гирифтани ин омилҳо самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро таъмин менамоянд ва дар ин замина, шароити мусоиди ҷалби бештари маблағҳои муваққатан озоди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ фарроҳам оварда мешавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо инҳо асоснок карда шудааст:**

- ***исбот карда шудааст***, ки дар илми иқтисодиёти ватанӣ то кунун вобаста ба масъалаи самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ таҳқиқоти мукаммал ва назаррас анҷом дода нашудааст. Дар диссертатсия ҷиҳати таъмини фаъолияти устувори бонкҳои тиҷоратӣ асосҳои назариявӣ ва методии он аз ҷониби муаллиф коркард ва пешнеиҳод гардидааст;

- ***усулҳои муосир:*** ҳангоми иҷрои таҳқиқот усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, муқоиса ва ғайраҳо мавриди истифода қарор гирифтаанд;

- ***баён шудани*** таъмини устувории фаъолияти бонкҳо тариқи такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ. Дар диссертатсия исбот гардидааст, ки ҷараёни такмилёбии амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мушкилоти зиёде алоқаманд буда, баррасӣ ва ислоҳи онҳо метавонад ҷараёни таъмини устувории фаъолияти бонкҳоро тақвият бахшида, пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратиро дар назди аҳолӣ густариш диҳад ва эътимоднокии ин ташкилотҳоро таҳким бахшад;

- ***ошкор карда шудааст,*** ки таҳкими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар заминаи пешниҳоди роҳҳои самараноки фаъолият бо мақсади баланд бардоштани нишондиҳандаҳои устувории молиявии бонкҳо дар шароити муосири иқтисодӣ коркарди усулҳо ва роҳҳои навро тақозо мекунад;

- ***омӯзиш:*** дар асоси омӯзишҳои амиқи консепсияҳо, назари олимони хориҷию ватанӣ ҷанбаҳои асосии таъмини устувории фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ муайян гардида, муаллиф ба он назар аст, ки устувории бонки тиҷоратӣ пеш аз ҳама қобилияти бонкро ҷиҳати нигоҳдории ҳолати молиявӣ дар бозори бонкӣ дар муддати муайян, бо назардошти тағйирёби вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад;

- ***аз нав такмил додани*** масоили таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратӣ дар асоси идоракунии пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ бо мақсади таъмини устувории молиявӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ дар диссертатсия баррасӣ гардида, ҳамзамон арзёбӣ шудааст, ки чунин раванд метавонад дар расидан ба сатҳи зарурии рушди ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ таъсири бевоситаи мусбати худро расонида бошад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:**

- ***аҳаммияти амалии*** таҳқиқотро тавсияҳои илман асоснок оид ба мукаммал гардонидани методикаи таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, идоракунии онҳо ва роҳу василаҳои пешниҳодшуда оид ба таҳкими устувории молиявии бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ тавсия гардидаанд;

- **натиҷаҳои таҳқиқоти методологию** назариявии гузаронидашуда метавонад дар таҳлил, баҳодиҳӣ ва идоракунии нишондиҳандаҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд;

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд**: натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси фаъолияти бонкӣ, ва фаъолияти амалии бонкҳои тиҷоратии кишвар, аз ҷумла филиали ҶСК “Бонки Эсхата” дар шаҳри Кӯлоб ва филиали минтақавии ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон” дар шаҳри Кӯлоб дар амал татбиқ шудаанд, ки бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд;

- **муайян карда шуд,** ки мушкилоти асосии аксари бонкҳои тиҷоратӣ, ки тайи чанд соли охир як қисмати муайяни онҳо аз сохтори низоми бонкии мамлакат хориҷ шудаанд, фаъолияти худро асосан бо сабаби норасоии маблағ қатъ намудаанд. Вобаста ба ин чунин метавон иброз намуд, ки дар пайи таъсири манфии бухронҳои молиявӣ, ки оқибатҳои зиёди ногуворро ба мисли шароити норасоии захираҳои молиявӣ дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ боқӣ мемонанд, бавуҷуд омадаанд. Аз ин рӯ, бо назардошти мушкилотҳои мавҷуда дар низоми бонкии мамлакат роҳандози намудани тадбирҳои зиёдеро ҷиҳати беҳгардонии вазъ ва пурзӯршавии назорат аз ҷониби Бонки миллӣ талаб мекунад;

- **коркард шуд:** Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд кӯшиш намоянд, ки дар ҳамкории судманд бо аҳолӣ, бахусус табақаи соҳибкорон қарор гирифта, бо раҳандози намудани хизматрасониҳои муосиру муфид ва эътимодбахш сазовори боварии аҳолӣ гашта, дар натиҷа нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии кишварро бо мақсади мусоидат дар рушди иқтисодиёти миллӣ таҳким бахшанд;

- **муаррифӣ карда шуд:** самтҳои асосии мукаммал намудани рушди таъмини устувории молиявии бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои

молиявӣ бо роҳи такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ, идоракунии пардохтпазирию даромаднокӣ ва истифодаи маркетинги бонкӣ барои ҷалби захираҳои озоди молиявӣ ва таъмини ҷонибҳои ниёзманд ба захираҳои қарзӣ пешниҳод карда шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:**

- назарияи таҳқик дар заминаи муқаррароти назариявии эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти таъмини рушди устувории молиявӣ, назорат, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон ба рушди бонкҳои тиҷоратӣ, аз рӯйи методология ба асарҳои олимони иқтисодшинос, аз ҷумла иқтисодчиёни хориҷию ватании соҳа низоми бонкӣ, назорат, таҳлил, ки ба таҳқиқи такмили низоми молиявии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин натиҷаи фаъолияти молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити тағйирёбандаи фазои иқтисодӣ ва ғайраҳо ташаккул ёфтааст;

- **ғояи таҳқиқот** дар асоси барномаҳои давлатӣ, дастуру супоришҳои Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон, тавсияҳои Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ, маълумоти ҳисоботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, иттилооти Бонки миллии Тоҷикистон оид ба танзим ва назорати низоми бонкӣ, маводи конференсияҳо ва интишороти соҳаи бонкдорӣ такя мекунад.

- **аслият ва навгониҳои натиҷаҳои таҳқиқот** дар асосноккунии муқаррароти назариявӣ-методологӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба таъмини устувории бонкҳо ҳамчун воситаи муассири рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои мушаххас ва тавсияҳои методии коркардшуда тасдиқ шудаанд;

- **усулҳои муосири** ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот зимни тартибдиҳии ҷадвалҳо, таҳияи равишҳои муосир ва коркарди тавсияҳо баҳри таъмини устувории молиявии бонкҳо ва таъсири мусбати онҳо дар рушди муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ истифода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:**

- аз ҷониби муаллиф зарурияти таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, тағйирёбии иқтисодиёти ҷаҳони муосир ва Ҷумҳурии Тоҷикистон илман асоснок шудааст;

- муаллиф асосҳои назариявӣ - методологии таъмини устувории фаъолияти бонкҳоро таҳқиқ намуда, вазъи рушди устувории фаъолияти

бонкҳоро дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ карда, самтҳои рушди таъмини устувории бонкҳои тиҷоратиро пешниҳод намудааст;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 10 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 4,6 ҷ.ч., аз ҷумла, 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити гузариш ба низоми нави рақамикунонии иқтисодиёт» (Данғара, 2024), «Масъалаҳои мубрами иқтисодиёт» (Пенза, 2023), «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» (Кӯлоб, 2023) ва ғайраҳо тӯли солҳои 2020-2024 баргузор гардидаанд, аз ҷониби муаллиф ба тариқи маърӯза баён гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 аз санаи 15.03.2025 қарори сазовор донистани Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктори илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар аъзо, ки ба шуро шомил ҳастанд, 14 нафар овоз доданд: тарафдор 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**15.03.2025**